«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Данғара д.и.и., профессор
____________ Хайрзода Ш.Қ.
«___» ____________с.2026

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА

Диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи Донишгоҳи давлатии Данғара Нуруллозода Алӣ Нурулло дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Нуруллозода Алӣ Нурулло унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии Данғара ба шумор меравад.

Нуруллозода Алӣ Нурулло соли 2015 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ихтисоси танзими ҳуқуқии молия ва қарз дохил шуда, онро соли 2019 хатм намуда ва соли 2021 зинаи магистратураи Донишгоҳи давлатии Данғараро бо ихтисоси идоракунии давлатӣ бо касби ҳуқуқшинос хатм намудааст.

Аз соли 2020 ба ҳайси ассистенти собиқ кафедраи фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Данғара фаъолият намуда, айни ҳол ба ҳайси муаллими калони кафедраи хадамоти гумрукии факултети идоракунии давлат ва ҳуқуқ фаъолият намуда истодааст.

Номбурда бо фармоиши ректор аз 24.10.2023, №866/у ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи Донишгоҳи давлатии Данғара қабул шуда, айни ҳол унвонҷӯи соли сеюм мебошад.

Мавзуи диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Данғара аз 30 - юми ноябри соли 2023, таҳти №4/4.9 тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмӣ** – Сангинзода Дониёр Шомаҳмад доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини директори Институти масъалаҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 19-уми январи соли 2026, №14 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Нуруллозода Алӣ Нурулло дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети идоракунии давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Данғара 13-уми феврали соли 2026 №7 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Нуруллозода Алӣ Нурулло дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», чунин хулоса қабул карда шуд:

**1.** Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия. Нуруллозода Алӣ Нурулло дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

**2.** Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи Донишгоҳи давлатии Данғара: «Ташаккули маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун омили рушди давлати ҳуқуқбунёд дар шароити тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ» алоқаманд мебошад.

**3.** Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он. Натиҷаҳо, хулосаҳо, тавсияҳо

ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия баён шудаанд, дар 9 мақолаи илмӣ нашр гардидаанд. Аз инҳо 5 мақола дар маҷаллаҳое, ки ба феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомиланд, нашр шудаанд. Мақолаҳои нашргардида фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводди чопшуда ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**4.** Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо. Ин таҳқиқот барои мақомоти давлатӣ, ки танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкориро дар соҳаи суғурта ба роҳ мемонанд ва барои субъектҳои хоҷагидоре, ки бевосита дар ин фаъолияти соҳибкорӣ ширкат меварзанд, арзиши илмӣ ва амалӣ дорад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми такмили қонунгузории маданӣ ва соҳибкорӣ, инчунин дар амалияи судии судҳои иқтисодӣ ва судҳои умумии Тоҷикистон истифода шаванд. Илова бар ин, баъзе муқаррароти диссертатсия метавонанд ҳамчун асос барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ хизмат кунанд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот инчунин дар истифодаи он дар раванди таълим, хусусан ҳангоми таълими фанҳои «Ҳуқуқи маданӣ», «Ҳуқуқи соҳибкорӣ» ва дар доираи курсҳои махсус дар факултетҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олӣ зоҳир мешавад.

**5.** Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ғайра арзёбӣ мегарданд. Диссертатсияи Нуруллозода Алӣ Нурулло дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, мубрам ба ҳисоб рафта, барои илми ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Навгонии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки дар он барои нахустин дар илми ҳуқуқи Тоҷикистон таҳқиқоти комплексии танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта дар шароити ислоҳоти навини қонунгузорӣ (солҳои 2023–2025) ва рақамисозии низоми молиявӣ анҷом дода шудааст.

1. Таърифи мукаммали ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта ҳамчун намуди мустақили соҳибкорӣ пешниҳод карда шудааст.

2. Мушкилоти мушаххаси Тоҷикистон дар танзими суғурта пас аз ислоҳоти назоратии солҳои 2023–2025 муайян карда шудааст.

3. Зарурати ҷудо намудани суғуртаи киберӣ ва суғуртаи гурӯҳӣ ҳамчун намудҳои мустақили суғурта дар қонунгузории миллӣ ассоснок карда шудааст.

4. Комплекси чораҳои ҳуқуқӣ барои такмили қонунгузорӣ пешниҳод гардидааст.

5. Тавсияҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани ҳимояи ҳуқуқии соҳибкорон дар ҳолатҳои ҳодисаҳои суғуртавӣ ва радди пардохт коркард шудааст.

6. Таҳлили муқоисавӣ таҷрибаи бойи кишварҳои хориҷа (Русия, Қазоқистон, Украина, Олмон, Фаронса) ва пешниҳоди роҳҳои мутобиқсозии он ба шароити иқтисодию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд.

Диссертатсияи Нуруллозода Алӣ Нурулло дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад. Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима 3 боб 6 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад

Мазмуни асосии диссертатсия дар 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақолаи дигар дар маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ интишор гардидаанд.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1–М]. Аҷиков, А.Н. (Нуруллозода, А.Н.) Ҷанбаҳои ҳуқуқии таърихи ташакулёбии суғурта [Матн] / А.Н. Аҷиков // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – № 2 (67). – С. 278–286; ISSN 2664-0651

[2–М]. Аҷиков, А.Н. (Нуруллозода, А.Н.) Заминаҳои ҳуқуқии бозори хизматрасониҳои суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Н. Аҷиков // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – № 3 (68). – С. 307–314; ISSN 2664-0651

[3–М]. Аҷиков, А.Н. (Нуруллозода, А.Н.) Роҳҳои такмили танзими ҳуқуқии бозори хизматрасониҳои суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Н. Аҷиков // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. – 2025. – № 2 (18). – С. 130–136; ISSN 2710-4672

[4–М]. Аҷиков, А.Н. (Нуруллозода, А.Н.) Танзими давлатии бозори хизматрасониҳои суғурта [Матн] / А.Н. Аҷиков// Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – № 2 (38). – С. 251–258; ISSN 2414 9217

[5–М]. Сангинзода, Д.Ш., Аҷиков, А.Н. Мафҳум, аломат ва махсусияти хизматрасонии суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д.Ш. Сангинзода, А.Н. Аҷиков // Идоракунии давлатӣ. – 2025. – № 3 (74). – С. 148–154. ISSN 2664-0651

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[6–М]. Аҷиков, А.Н. (Нуруллозода, А.Н.) Механизмҳои ҳуқуқии баланд бардоштани самаранокии бозори хизматрасониҳои суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Н. Аҷиков // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами ҳуқуқ ва

иқтисод дар шароити муосир» (Душанбе, 20 ноябри соли 2025). – Душанбе: Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 2025. – С. 193–200.

[7–М]. Аджиков, А.Н. (Нуруллозода, А.Н.) Договор оказания страховых услуг: сравнительный анализ законодательства США, России и Китая [Текст] / А.Н. Аджиков // Материалы международной научно-практической конференции на тему «Актуальные вопросы права и экономики в современных условиях» (Душанбе, 20 ноября 2025 года). – Душанбе: Таджикский государственный университет коммерции, 2025. – С. 127–132.

[8–М]. Аҷиков, А.Н. (Нуруллозода, А.Н.) Ҳолати ҳуқуқии ташкилоти суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Н. Аҷиков // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Роҳҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ҳуқуқии мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир» (Данғара, 13 июни соли 2025). – Данғара: Донишгоҳи давлатии Данғара, 2025. – С.123–127.

[9–М]. Аҷиков, А.Н. (Нуруллозода, А.Н.) Таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷа оид ба танзими бозори хизматрасониҳои суғурта [Матн] / А.Н. Аджиков // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Роҳҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ҳуқуқии мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир» (Данғара, 13 июни соли 2025). – Данғара: Донишгоҳи давлатии Данғара, 2025. – С. 180–184.

**Ҷаласа қарор кард:**

**1.** Диссертатсияи Нуруллозода Алӣ Нурулло дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 - Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ кори анҷомёфта ҳисобида шавад. ,

**2.** Диссертатсияи Нуруллозода Алӣ Нурулло дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳоии суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон»,, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 - Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бо назардоштиислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса, дар маҷлиси кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи Донишгоҳи давлатии Данғара қабул гардид:

Иштирок доштанд: 22 нафар аз ҷумла 2 нафар доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 11 нафар номзадҳои илм, 5 нафар муаллими калон 4 нафар ассистентҳо ба шумор мерафтанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «ҷонибдор» - 22 нафар, «зид» - 0 нафар, «бетараф» -0 нафар. Суратмаҷлиси № 7 аз 13 - уми феврали соли 2026.

**Раиси ҷаласа:**
н.и.ф., и.в. дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи Донишгоҳи давлатии Данғара Азизов К.Ҷ.

**Котиби ҷаласа**: н.и.т. Раҳимзода Қ.Н.

Имзои Азизов К.Ҷ. ва
Раҳимзода Қ.Н. – ро тасдиқ мекунам:
Сардори Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.

ШУЪБАИ КАДРҲО

Нишонӣ: 735320, ш.-ки Данғара,
кӯчаи Марказӣ- 25, Донишгоҳи
давлатии Данғара Тел.: (+992) 8331222842;
Сомона: http:// www.dnu.tj
Почтаи электронӣ:
E-mail: dddangara 2013@mail.ru